ВАТАН АЗ ХОНА ВА МАКОНИ ЗИСТИ МАН ОҒОЗ МЕЁБАД!
ОБОД КАРДАНИ ОНҲО САҲМИ МАН ДАР ПЕШРАФТИ ВАТАН АСТ!

# ҲАМРОЗИ ХАЛҚ

НАШРИ МАХСУС

► E-mail: hamrozi-khalq@mail.ru ● www.hhdtkhatlon.tj

№ 2 (330), 26 феврали соли 2019

НАШРИЯИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## НУКТАҲО АЗ СУХАНРОНИИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, РАИСИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР МАҶЛИСИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗИИ ҲҲДТ




►Робитаи қавӣ доштан бо халқ ва ифодакунандаи армонҳои бисёрсолаи он будан ҷавҳари асосии фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро ташкил дода, садоқат ба он ва дар ин роҳ соҳибиродаву бомасъулият будан асоси муваффақиятҳо ва эътимоди мардум ба он мебошад.

►Ҳизби мо мардумӣ ва зодаи даврони истиқлол буда, дар асоси ормонҳои халқи шарифи кишварамон таъсис ёфтааст.

►Мо имрӯз бо далелҳои мушаххас гуфта метавонем, ки бештари дастовардҳои назарраси кишварамон, албатта, бо фаъолияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон иртиботи ногусастанӣ дорад.

►Садоқати аъзои ҳизб ва ҷонибдорони сершумори он кафолат медиҳад, ки мо барои татбиқи пурраи ҳадафҳои стратегии миллиамон - расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва саноатикунонии босуръати кишвар чораҳои иловагӣ андешем. Яъне мо барои расидан ба ҳадафҳои бузурги созандагӣ бояд аҳлона ва бо азми қатъӣ ба пеш ҳаракат кунем.

►Аъзои ҳизб бояд дурбину дурандеш бошанд, аз душвориҳои мавҷуда наҳаросанд ва барои рушди ҳамаи соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ боҷуръатона ҷидду ҷаҳд намоянд. Зеро ҳизб дар ташаккули маърифати сиёсии шахс таъсири амиқ гузошта метавонад ва онро метавон мактаби сиёсии ҳаёт номид.

►Имрӯз ҳизб қувваи бузург дорад. Аксари намояндагони он дар ҷомеа нуфузу мақоми хосса доранд ва дар маҷмӯъ, нерӯи пешбарандаи сиёсии кишварамонро ташкил медиҳанд.

►Ҳар як узви ҳизб, сарфи назар аз он, ки дар кадом сатҳ ва дар кадом вазифа фаъолият мекунад, бояд барномаи мушаххаси амал дошта бошад ва дар доираи имконияту салоҳиятҳои худ барои пешрафти кишвар саҳм гузорад.

►Дар сафҳои мо барои шахсони тасодуфӣ ва худхоҳу худпараст бояд ҳаргиз ҷой набошад.

►Ҳизби мо дар фаъолияти худ имтиҳонҳои ҷиддии ҳаётро паси сар кард ва дар доираи талаботу муқаррароти оинномаи ҳизб масъалаҳои дохилиҳизбиро ҳаллу фасл карда, на танҳо сафҳои худро зиёд кард, инчунин, барои сифатан нав кардани кадрҳои роҳбарикунандаи ҳизбӣ тадбирҳои муҳим андешид.

►Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҷавононро неруи созанда, боэътимод ва сармояи пойдори инсонӣ мешуморад ва ба онҳо такя мекунад.

►Боло бурдани обрӯ ва нуфузи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон вазифаи ҷонии ҳар як узви ҳизб мебошад. Дар ин раванд, ҳалли саривақтии мушкилоти мардум, дар навбати аввал, вазифаи ташкилоти ибтидоӣ мебошад.

►Боиси қаноатмандист, ки дар вилояти Хатлон масъалаи сохтмони биноҳои ҳизбӣ босуръат ҳал шуда истодааст. Имрӯз 8 бинои нави ҳизбӣ мавриди истифода қарор гирифта, инчунин, сохтмони бинои кумитаҳои иҷроия дар шаҳру ноҳияҳои Кӯлоб, Норак, Ёвон ва Восеъ дар арафаи анҷомёбӣ мебошад. Ҳамчунин, ҷиҳати ба тавозуни ҳизб гузаронидани биноҳои мувофиқ дар ноҳияҳои Шамсиддини Шоҳин, Мӯъминобод, Балҷувон ва Дӯстӣ тадбирҳои муассир андешида шудаанд, ки саҳми фаъолони ҳизб дар ин самт назаррас аст.

►Таҳкими андешаи миллӣ, густариши худогоҳиву худшиносӣ ва ватандӯстиву ватанпарастӣ низ яке аз аслҳои оинномавии ҳизби мо мебошад.

►Мо - ҳизбиён фарҳанги фаъолияти таблиғотиро, ки дарбаргирандаи унсурҳои муҳимми қонунгузорӣ, демократия ва маърифати сиёсист, дар ҷомеаи худ бояд чунон татбиқ намоем, ки намунаи ибрати дигар ҳизбҳои сиёсӣ бошад.

►Мо вазифадорем, ки беҳтарин ғояҳои созандаи аз ҷониби афроди фаъоли ҷомеа пешниҳодшударо ба доираи барномаи пешазинтихоботии худ ворид сохта, саҳми худро барои пешрафти тамоми арсаҳои ҳаёти кишварамон гузорем.

►Ҳамаи мо бояд як нуктаро ҳамеша дар хотир дошта бошем, ки узви Ҳизби Халқии Демократӣ будан ҳам ифтихору шараф ва ҳам масъулияти бузург дар назди халқу Ватан ва сарнавишти ҷомеаи демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёди Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо мебошад.

*ш. Душанбе, 7 феврали соли 2019*

# ХИЗМАТИ ҲАРБӢ БА ҶАВОНОН ЧӢ МЕДИҲАД?



Ватандӯстӣ аз ҳифзи марзу буми Ватан оғоз меёбад! Имрӯз ҷойи ифтихор ва шургузорист, ки баъд аз ҳазор сол мо дигарбора соҳибватану соҳибистиқлол гардидем ва бо ибрат аз ин имтиҳони таърихӣ моро зарур аст дар ҳимояи Ватан ва ҳифзу таҳкими пояҳои истиқлолиятӣ давлатӣ ҳамаҷониба кӯшиш намоем.

Дар хотир бояд дошта, бошем, ки тақдири миллат, ободиву осудагӣ ва ҳифзи ин марзу бум аз ҳар як сокини кишвар вобастагии калон дорад. Дар робита ба ин, бояд зикр намуд, ки яке аз рукнҳои муҳимтарини давлатдорӣ ва сипари боэътимоди ҳар як давлати соҳибистиқлол Қувваҳои мусаллаҳаш мебошад. Артиш василаи бузурги мудофиавӣ буда, ҳеҷ як давлат наметавонад бидуни он истиқлолияти комили худро таъмин ва ҳифз намояд. Таҷрибаи ҳазорсолаи таърихи давлатҳои дунё собит кардааст, ки кишвари ба нерӯи ҳарбии хориҷӣ дар таъмини иқтидори мудофиавии худ такякунанда, бешубҳа дар лаҳзаҳои лозимӣ музаффар намегардад.

Хизмати сарбозӣ дар солимии рӯҳиву ҷисмонии ҷавон таъсири мусбӣ мерасонад. Ҳар як ҷавони ба синни даъват расида бояд донад, ки имрӯз барои адои хизмат дар сафи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон тамоми шароитҳои моддиву маишӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳамзамон, кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ дар қисмҳои низомӣ таъмин мебошанд, ки барои омодасозии ҷавонон баҳри ҳимояи марзу бум, таъмини амният ва сулҳу суботи кишвар омодаанд;

Тавре ба назар мерасад, баъзе волидон, дар роҳи ба хизмат рафтани фарзанд бо иддаои аз наздаш дур шудану аз меҳру муҳаббаташон кам гаштан монеа эҷод мекунанд. Маҳз чунин волидон ҳатто омодаанд пардаи шарму ҳаёро аз рӯ кашида бо тамоми овоз дар ҷаҳон эълон кунанд, ки “фарзандамон (солим ҳам бошад) кару гунгу беақлу девона аст ва ӯро ба хизмат набаред”. Ҳол он ки хизмат дар сафи Артиши миллӣ, баръакс, меҳру муҳаббати фарзандро нисбат ба падару модар боз ҳам бештар мекунад, ба онҳо дарси зиндагиву оини ҷавонмардӣ меомӯзонад ва ҷисмашон дар пайи машқҳои ҳарбӣ инкишофу обутоб меёбад.

Ҷавонон ин нуктаро дарк намоянд, ки хизмат ба Ватан-Модар қарзи фарзандӣ ва имониву виҷдонии ҳар як ҷавонмарди бонангу номус буда, мактаби бузурги тарбияи ирода, ҷасорат, шуҷоат ва ватандорӣ ба ҳисоб меравад. Иҷрои ин қарз нишонаи камолоти инсонии ҳар як ҷавон мебошад.

Набояд фаромӯш кард, ки Ватани азизи мо – Тоҷикистони соҳибистиқлол сарзаминест, ки муҳофизати он на танҳо вазифаи муқаддаси шаҳрвандӣ, балки қарзи инсониву имонӣ ва виҷдониамон маҳсуб меёбад.

Мо аҳли ҷомеа дар хотир дошта бошем, ки

►Хизмат дар сафи қувввaҳои мусаллаҳ мояи ифтихор ва сарбаландӣ буда, ҳар як ҷавони ватандӯст бояд ин мактаби ҷасорату мардонагиро гузарад;

►Зимни хизмат дар сафи қувваҳои мусаллаҳ ҷавонон аз ҳар ҷиҳат ташаккул ёфта, ба қадри зиндагӣ мерасанд, ки ин омили муҳимтарин дар мустаҳкамшавии оилаҳост;

►Хизмати софдилона дар сафи қувваҳои мусаллаҳ дар баробари ифтихормандӣ, ҳамзамон ҷойи кори доимӣ ва рушди шахсият барои ҷавонон ватандӯст хоҳад буд;

►Гузаштани ҳарчи зиёдтари ҷавонони мо аз мактаби ҷасорату мардонагии Артиши миллӣ баёнгари он аст, ки аксарияти шаҳрвандони мо таҷрибаи муқобилият ва истодагарӣ нишон додан дар баробари хавфу хатаруниро доро мебошанд ва ғайра.

Бо чунин нуктаи назар дар ин ҷо метавон гуфт, ки тарбияи ҳарбӣ-ватандустӣ роҳи наҷоти миллат аз хатарҳои эҳтимолии замони муосир мебошад. Муҳимтарин силоҳ барои ҳар як ҷавону наврас, ки аз ҳидоятҳои падаронаи Пешвои миллат бармеояд, ифтихори миллӣ, зиракӣ ва ҳушёрии сиёсӣ мебошад. Мебояд имрӯз ҷавонони мо дар рӯҳияи садоқат ба Президент – садоқат ба Ватан, самимият ба Президент – самимият ба миллат ва арҷ гузоштан ба ташаббусҳои Президент – арҷ гузоштан ба муқаддасоти миллӣ тарбия карда шаванд.

**Бар пояи ин гуфтаҳо, ҳамаи сокинони сарбаланду ҷасур ва ватандӯсти вилояти Хатлонро ба муносибати Рӯзи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон табрику муборакбод мегӯям.**

***Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон***

# ХУД ВА НАЗДИКОНАТОНРО АЗ СИРОЯТЁБӢ ВА ВИЧ/СПИД ЭМИН НИГОҲ ДОРЕД!

Дар баробари дигар омилҳои хатарзо ба генафонди миллат паҳншавии бемориҳои сироят-кунанда, махсусан бемориҳои ВИЧ/СПИД ва Гепатити С бисёр ташвишоваранд. Аз ин рӯ донистани бемориҳо, роҳҳои гузариш, пешгирӣ ва инкишофу авҷгирии онҳо зарурист.

Омилҳои паҳншавии бемориҳои ВИЧ/СПИД ва Гепатити С гуногунанд, аммо маъмултаринашон чунин мебошад:

►Истифодаи асбобҳои дуруст покношудаи духтури дандон;

►Дар сартарошхонаҳо истифода аз асбобҳое, ки боиси осеб дидани пусти бадан мегардад, махсусан теғ;

►Истифодаи сӯзандорӯҳои покношуда;

►Нашъамандӣ ва ҳолатҳои номатлуби ба ин монанд, ки боиси паст шудани иммунитети мегарданд;

►Беаҳамиятӣ нисбат ба харошҳои оддии пӯсти бадан, ки роҳро барои ворид шудани вирусҳо мекушоянд;

►Алоқаҳои ҷинсии тасодуфӣ ва амалҳои номатлуби ба он алоқаманд;

►Ҳалқазанӣ, сузаннигорӣ (татуировка), сӯзандармонӣ ва ғайра.

Месазад қайд намоем, ки беш аз нисфи омилҳои гирифторӣ ба бемориҳои сироятӣ ҷанбаҳои ахлоқӣ доранд!

Бо назардошти ин, мутахассисон барои пешгирӣ аз сироятёбӣ ба бемориҳои дар боло ёдоваршуда чунин маслиҳат медиҳанд:

►Баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва иҷрои меъёрҳои қонунҳои кишвар, аз ҷумла гузаштани ҳатмӣ аз ташхисӣ тиббӣ пеш аз ақди никоҳ ва барпо намудани оила;

►Дар вақти пайдо шудани ҷароҳати бедард, сӯзиш, хориш, илтиҳобу сурхшавии узвҳои таносул ва тарашӯҳот зуд ба духтур муроҷиат бояд кард;

►Риоя намудани қоидаҳои гигиенаи шахсӣ ва аз табибон талаб кардани қоидаҳои муайян зимни муолиҷа дар бемористон;

►Баланд бардоштани ахлоқу маънавиёт ва ҳамзамон маълумотнокии ҷавонон дар ин самт ва ғайра.

Месазад хотирнишон сохт, ки ин бемориҳо табобатнашаванда буда, марги ногузирро дар пай доранд. Аз ин рӯ ба сокинон, хусусан ҷавонон тавсия медиҳем, ки тарзи ҳаёти солимро пеша карда, аз ин роҳ ҳам дар самти ҳифзи саломатии худ ва ҳам ҷиҳати пойдории оилаи худ ҳиссагузорӣ намоянд роҳест барои ба даст овардани комёбиҳои назаррас, ҳамоҳангии ҷаҳони ботинӣ, муносибатҳои танзимшуда бо атрофиён, инкишофи зеҳнӣ ва маънавӣ. Баъзе одамон бар он ақидаанд, ки риояи тарзи ҳаёти солим сарфи беҳудаи вақт аст, ки ин комилан хатост. Махсусан, имрӯзҳо, ки хуруҷи бемории СПИД дар кишвар ба сатҳи ташвишовар зиёд шудааст! Аз ин рӯ, биёед якҷоя паҳншавии ин бемориро пешгирӣ намоем. Зеро ояндаи солими фарзандони мо аз рафтори дурусти имрӯзаамон вобаста аст.

# НАҲЗАТИЁН ВА ХОСТАҲОИ АҲРЕМАНИИ ОНҲО

Имрӯз дар кишвари мо хурду калон огоҳанд, ки аъзои Ҳизби наҳзати исломӣ чӣ гуна одамон будаанд ва унвон гирифтани он ҳизб ба шакли ташкилоти террористӣ - экстремистӣ (ТТЭ ҲНИ) дар кадом кирдорҳояшон реша дорад. Ҳама медонанд, ки ин гурӯҳаки ба хотири ишғоли мансабҳои дар хоби шаби роҳбаронаш орзу мекардагӣ тайёр аст ҳама арзишҳои муқаддаси ватандорӣ, номуси тоҷик будан ва осоиштагии ҳамватанонро бо як пули сиёҳ бифурӯшад. Барои амалӣ гардондани хостаҳои аҳриманӣи худ аз тамоми усулҳо кор гирифта, худро созандаи давлати демократӣ, мардумсолор ва монанди он вонамуд кунад.

Чанде пеш яке аз меросбарони ин ташкилот роҳбари кунунии он аз тариқи шабакаҳои интернетии иғвобарангез беш аз як соат кӯшиш кард, то ягон матлаби мантиқиеро баён кунад. Аммо, азбаски дар гуфтораш ягон иддаои солим ҷой надошт ва гуфтаҳояш ғур - ғури занбӯри даруни кадуи холиро мемонд, хурдтарин ҷумлаи бомантиқ ва далели дархӯри исботро ба лаб оварда натавонист.

Дар паси суханрониҳои ӯ як одами шармзадаву пушаймон аз кирдори ношоистаи худ ҳувайдо буд. Ва ҳамин тавр ҳам ҳаст, зеро онҳо, ки номи динро ба ҳизбашон пайвастаанду ноком монданд, акнун пай бурдаанд, ки корбурди нодуруст аз номи Худо, яъне бо номи Худо даст задан ба бадкирдориҳо, аз ҷумла ватанфурӯшӣ ва бар зидди ватандорон силоҳ бардоштан эшонро дар ин ҷаҳон ба ҷазои сахт гирифтор кардааст. Худо онҳоро гирифтори сангинтарин ҷазое кардааст, ки беватанӣ унвон дорад ва онҳо аз он беватанони мусалмон мебошанд, ки панҷаи гадоӣ ба тарафи ғайримусалмонон дароз карда, мадад мехоҳанд. Ва он ҳам талаби мадад барои вайрон кардани Ватан ва барҳам задани оромиву осудагии ҳамдиёрон.

Солҳои 1992 – 1997 ин ташкилоти ҳизби исломиро баъзе равшанандешони кишвар ҳамроҳӣ мекарданд, зеро маҳдудиятҳои дар идеологияи давлати шӯравӣ ҷойдошта, ба монанди иҷозат надодани фаъолияти лозимаи масҷидҳо, ба эҳсосоти миллии тоҷикон таъсир мерасонд. Аммо аз ин ки Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ихтиёри шаҳрвандон фазои озоди парастиши динро муҳайё кардааст, дар шаҳру деҳоти кишвар шумораи зиёди масҷидҳои яквақта ва ҷомеъ амал мекунанд, муассисаи таҳсилоти олии исломӣ дарҳои худро ба донишомӯзони донишҳои исломӣ кушодааст, ҳар сол ҳазорон хоҳишмандон барои адои маросими ҳаҷ ба Макка сафар мекунанд, адабиёти динӣ, аз ҷумла Қуръон бо хати имрӯзаи тоҷикӣ баргардон ва бозчоп шудааст, дар пойтахти мамлакат сохтмони калонтарин дар Осиёи Марказӣ масҷиди ҷомеъ дар арафаи анҷомёбӣ мебошад ва монанди онҳо дигар оинҳои дини ислом ба таври густурда ҷорӣ мебошанд, дигар кадом садди пешгирикунандаи озодии боварҳои динӣ дар миён нест, шахси бохирад андешаву талоши худро беҳуда ба шеваи дигари динпарастӣ равона намекунад. Ва ба ростӣ, ҳам чӣ эҳтиёҷе пеш омадааст, ки усули беш аз ҳазору сесад сол пештар пазируфтаи бобоёнро дигар карда, ба равияҳои эҷоднамудаи иғвогарон ва муздурони бадхоҳи кишвару миллатамон пайравӣ намоем? Имрӯз бо далелҳои шоиста исбот гардид, дини исломро бо ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ пайванд сохтан ҳамон аст, ки ба миллату давлати тоҷикон газанд овардан, пояҳои давлатдориро ноустувор гардондан.

Аз тарафи дигар ҳама ҷомеа пурра дарк мекунанд, ки муборизаҳои қудратхоҳонаи ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ, ки хостҳои гурӯҳии худро аз манфиатҳои миллӣ болотар медонанд, бо нокомиҳову фоҷиаи миллӣ ба поён мерасад.

Роҳбари фирории наҳзатиён дар он гуфтугӯи бепояву бемояи хеш бо тамоми ҳастӣ намехост аз дастовардҳои солҳои охири мамлакати мо ёдоварӣ кунад, зеро дар он сурат номбар кардани ғалабаҳои пай дар пайи кишвармон, аз шикасти ӯ бо дастаи асолатбохтааш дар ҳама ҷабҳаҳо гувоҳӣ медод.

Дар саросари кишвар ҳар сол даҳҳо биноҳои таълимӣ, фарҳангӣ, кӯдакистонҳо, чорбоғҳои сайру гашти мардум, роҳҳову кӯчаҳои мумфарш ба истифода дода мешаванд. Ба фаъолият оғоз гардидани чархи нахустини Неругоҳи барқи обии “Роғун” ғалабаи бебаргашти неруҳои солиму ватансоз бар харобкорону нотавонбинон аст. Ҳама дар пайи иҷрои дастурҳои Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои то ҷашни 30 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар саросари деҳоти кишвар сохтани бунгоҳҳои тиббӣ, таваллудхонаҳо, ҳаммом, кӯчаҳои мумфарш ва бунёди дигар иншооти беҳсозии рӯзгори мардум камари ҳиммат бастаанд, аммо ин бадандешон роҳҳоеро ҷустуҷӯ доранд, то ба осудагии мардум халал ворид кунанд.

Бояд гуфт, ки роҳбари наҳзатиҳои роҳгум дар гуфтаҳои ба истилоҳ «онлайнӣ» худро як назариётчӣ - теоретики давлатсозиву истиқлолхоҳӣ нишон доданӣ шуда, боз ҳам гаштаву баргашта босмачиёни роҳзанро «шахсиятҳои муборизи миллӣ - мазҳабӣ» номид. Яъне, ӯ ба он бовар аст, ки Кӯри Шермат, Иброҳимбек, Кӯри Ортиқ, қотили муаллимаҳои солҳо 20 – уми ноҳияи Ғарм - Фузайлмахсум ва дигар роҳзанони дар қамишзорҳову қадобаҳову пуштаҳо пинҳон ва бар сари мардумони кӯҳистон ҳамлавар, «шахсиятҳои муборизи миллӣ - мазҳабӣ» будаанд. Аз нуктаи назари дигар дуруст ҳам ҳаст, зеро ин тоифа ҳаракатеро намояндагӣ мекунанд, ки ҳамсафонаш Раҳмон Гитлер барин каллабурони гузаро буданд. Дар ин маврид метавон бо далелҳои равшан исбот намуд, ки дар сафи ТТЭ ҲНИ ҳаргиз шахсиятҳои сиёсатмадор ва таҳлилгари вазъи сиёсии ҷаҳон набуданду ҳоло низ нестанд.

Метавон ба ёд овард соли 1997 – ро, ки ба мухолифин имконият дода шуда буд, то 30 дарсад мансабҳои давлатиро ишғол намоянд, аммо дар байни онҳо коршиносону корозмудагоне пайдо нашуд, ки ҷойҳои пешниҳодшударо пур кунанд.

Наҳзатиҳо чун пай бурданд, ки дигар бо номи «ҳизб» ва «наҳзати ислом» наметавонанд балегӯёни Аврупоро ба сӯйи хеш ҷалб карда, пулҳояшонро истифода кунанд, тасмим гирифтанд, ба монанди буқаламун, пӯсташонро иваз намуда, ҳизбашонро бо ранги дигар рангомезӣ кунанд. Дар айни замон инҳо хизматгузорони хонҳои ҳероин - наркобаронҳои Аврупо ва ситезаҷӯёни кишварҳои Шарқ мебошад.

Миллати тоҷик бо сарварии Пешвои муаззами худ сармояи маънавии хеш – ҷашнҳои миллии Наврӯз, Сада, Меҳргонро дубора зинда карда, аз урфу одатҳои хурофотӣ даст кашидааст. Забони тоҷикӣ мақоми давлатии худро бозёфта, неруи баёни илмии хешро барқарор сохта ва табъу нашри китобҳо бо забони давлатӣ даҳчанд афзудааст. Дар ягон давру замон тоҷикон бо ин суръати баланд ба бунёди таълимгоҳҳо камари ҳиммат набаста буданд.

Онҳое, ки Тоҷикистонро бо чашми бино мебинанд, дармеёбанд, ки низоми бисёрҳизбӣ ва рушди гуногунандешӣ дар заминаи ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, дар мамлакат 7 ҳизби сиёсӣ амал мекунад, ки аксари онҳо дар Парламент намояндагони худро доранд ва бар пояи қонун фаъолият мекунанд. Аммо аз ин, ки ҲНИ мардумсолорӣ ва демократияро дар амалҳои террористӣ дида, дасти нопок ба табаддулоти давлатӣ burданӣ шуд, силоҳдоронаш саркӯб гардида, бо қарори мақомоти олии судӣ ба он аз рӯйи кирдорҳои анҷомдодааш, ташкилоти террористӣ - экстремистӣ унвон дода шуд, маънии вайрон кардани усулҳои демократии давлатдориро надорад. Чунин муносибатро ҳар давлате, ки оромиву осудагии мардумонашро азиз медонад ва амнияти давлатро вазифаи аввалиндараҷа мешуморад, нисбат ба ҷинояткорон ва ватанфурӯшон анҷом медиҳад.

Унвони ташкилоти террористӣ - экстремистиро ба ҲНИ на танҳо мақомоти олии судии Тоҷикистон раво донистааст, балки ташкилоти минтақавии зиддитеррористии Созмони ҳамкории Шанхай низ соли 2017 дар қатори гурӯҳҳои ҷиноятпешаву экстремистии «Акрамия», «Ансоруллоҳ», «Ҷабҳат - ун - нусра», «Ҳизб - ут - таҳрир», «Давлати исломӣ», «Ҳаракати исломии Туркистони шарқӣ», «Ҷундуллоҳ», «Ҷамоати таблиғ», «Ҷамоати муҷоҳидони Осиёи Миёна», онро созмони террористӣ дониста, мубориза бо ин гурӯҳҳои харобкорро ҳатмӣ ва зарур шумурдааст.

Албатта, наҳзатиён, чуноне гуфта шуд, аз кардаи худ пушаймонанд, зеро фаҳмидаанд, ки кӯшишҳояшон беҳуда буда, дар Тоҷикистон як нафар тарафдори солимақлро ҳам нахоҳанд пайдо кард.

***Зафар МИРЗОЁН, узви ИЖТ, ховаршинос.***

# КАЙ ХОНАИ ХУДРО ОБОД МЕСОЗЕМ???

Миллати тоҷик дар тули мавҷудияти хеш ҳарчанд борҳо ба шикастҳои таърихӣ рӯ ба рӯ шуда бошад ҳам, вале ҳамчун миллати тамаддунсоз ҳуввияту асолати хешро гум накард. Ҳарчанд барои дигарон бошад ҳам, аммо сохт. Воқеъияти таърихии милати тоҷик ин аст, ки баъди аз даст рафтани давлатдории миллӣ ҳамеша барои дигарон сӯхтему сохтем. Юнониҳо запт, карданд юнонӣ сохтем, арабҳо запт карданд 1400 сол аст араб месозем, туркнажодон запт карданд 1000 сол турк сохтем, муғулҳо запт карданд муғул сохтем. Русҳо запт карданд, ҳарчанд дар муддати 150 сол сахме гузошта бошанд, агар як сахм гузоштанд, аммо сад сахм бурданд. Моро маҷбур карданд барои онҳо хизмат кунем, бисозем номи вилоят шаҳру ноҳияҳо ва деҳаю маҳаллаҳоямонро бо номи шахсиятҳои онҳо бигузорему рус бисозем. Пас кай рӯҳияи миллии мо бедор мешавад, кай мо худогоҳу худ шинос мешавем, кай мо аз тоҷик будан ифтихор мекунему кай хонаи худ – Тоҷикистонро обод мекунем?

Бо шарофати ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мардуми Тоҷикистон 28 сол шуд тақдири давлату давлатдории худро ба дасти худ гирифтаast. Дар ин раванд бояд мо хуб дарк намоем, ки аз гарданкаҷӣ баромадан, мушкилоти Ватан ва хонаву дари худро бо дасти худ осон кардан ва сарзамини аҷдодиро бо ҳиммату ғайрати худ обод карданро ҳамчун арзиш бидонем. Зеро Расули акрам мефармояд, ки Ватан модари дуюм аст ва ҳамчун модар бояд дӯсташ дорем.

Дигар ин, ки мо набояд ба умеди дигарон бошем. Бояд дарк кард, ки хонаи моро, деҳаи моро, ноҳияи моро хулоса Ватани моро ғайр аз худи мо каси дигар обод намекунад, чунки ин Ватан аз мост ва тақдири имрӯзу фардои он низ дар дасти худи мост.

Ҳамеша дар хотир бояд дошт, ки давлатҳои мутараққии олам ба сатҳи имрӯзаи тараққиёти худ якбора нарасидаанд. Набояд фаромӯш кард, ки ҳамон шаҳрҳои бузурги дунё ба монанди Парижу Ню-йорк ва Лондонро одамони сайёраҳои дигар насохтанд, ё ин ки миллатҳои дигар наомада барои онҳо маблағ харҷ карда сохта бошанд, он шаҳрҳои номбаршударо худи ҳамон миллатҳо, соҳибкорони онҳо, ватандӯстдорони онҳо сохтанд. Онҳо низ дар давраҳои бисёр душвори таърихӣ қарор доштаанд, вале бо заҳмату талоши дастаҷамъона ва муҳимтар аз ҳама, бо роҳи сарфаю сариштакорӣ мушкилоташонро ҳал кардаанд.

Таърих собит кардааст, ки пешрафти ҳар як ҷомеъа ба қонун ва санадҳои дурусти қабулнамудаи он кишвар вобастагии зиёд дорад. Вобаста ба ин Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», амал мекунад, ки ба пешрафти ҷомеъа мусоидат карда, мардумро ба сарфакорию сариштакорӣ ва ғани гардонидани буҷаи оила ру биоранд. Ва он маблағҳое, ки харҷи гузаронидани маъракаҳои даб-дабанок ва расму оинҳои нолозиму хуруфотпарастӣ мекунанд, онро барои беҳтар кардани сатҳи зиндагиашон, барои ободии маҳали зист, барои оиндаи фарзандонашон истифода баранд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки то қабули қонуни миллӣ ба ҳар оилаи тоҷик тақрибан 70 маъракаву маросим, аз ҷумла 10 маросими азодорӣ ва беш аз 60 маъракаи хурсандӣ рост меомад, ки на ҳамаи онҳо бо арзишҳои милливу мазҳабии мо мутобиқат доштанд.

Қисме аз маросиму маъракаҳо бо сабаби серхарҷ буданашон боиси ба вуҷуд омадани зуҳуроти манфӣ дар ҷомеа гардида, ба оилаҳои камбизоат зарари зиёд мерасониданд ва боиси исрофкорӣ мешуданд.

Ҳол он ки дар ояти 141-уми сураи "Анъом"-и Қуръони карим таъкид шудааст, ки: "Исроф макунед! Ба дурустӣ, ки Худо исрофкунандагонро дӯст намедорад". Дар ҳадисе Расули акрам фармудааст: «Вақте инсон вафот мекунад, савоби амалҳояш боздошта мешавад, ғайр аз се амал, ки савобаш боздошта намешавад:

Якум, садақаи ҷория, яъне кор ва амали хайре, ки фоида ва самари он ба дигарон мунтазам мерасад: мисол, роҳу пул ва мактабу бино сохтан, боғ бунёд кардан, чоҳ кофтану об баровардан ва монанди инҳо. Дуюм, аз шахс илме монад, ки мардум аз он манфиат баранд, мисол китоби судманде нависад ё шогирди неке тарбият кунад, ки фоидааш ба мардум расад. Сеюм, фарзанди солеҳе тарбият кунад, ки пас аз марги волидайн дар ҳаққи онҳо дуои нек фиристад ва дигарон аз ӯ манфиат бинанд».

Биёед ба ҷойи харҷи чунин маъракаҳои нолозим он маҷбалғҳоро барои воқеъан ҳам як кори хайру савоб ба монанди роҳсозӣ, таъмири мактаб, сохтани пул, чароғонкунии деҳа, дастгирии ниёзмандону камбизоатон, харидани китобу дафтар барои хонандагони оилаҳои ниёзманд ва барои таълиму тарбияи фарзандони хеш харҷ бикунем!!!

*Шаҳбози ИСКАНДАР*

**ЯК АМАЛИ НЕК**

# МУШКИЛОТИ МАВҶУДАИ МАҲАЛРО ХУДАМОН ҲАЛ МЕКУНЕМ!



Дар деҳаи Ганчинаи ҷамоати деҳоти Меҳнатободи ноҳияи Кушониён Аксияи амалӣ таҳти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» баргузор гардид. Аксияи мазкур бо мақсади сазовор истиқбол гирифтани ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷалби аъзо ва ҷонибдорони ҳизб корҳои ободонӣ аз қабил ташкил шуда, дар доираи он таъмиру сангфаршнамоии роҳҳои маҳалла анҷом дода шуд.

Сокинони деҳот ҳамчун иштирокдорони Аксияи ҳизбӣ бо саҳми созандаи худ дар ҳаҷми 6-ҳазор сомонӣ зиёда аз 2-километр роҳи дохили деҳаро пурра ва бо тариқи ҳашар сангфарш намуданд.

Дар ҷараёни корҳо, ҳамзамон, ба нақша гирифта шуд, ки минбаъд симҷӯбҳои баркии фарсудаи деҳа низ дар доираи аксияи мазкур иваз карда шуда шабҳо роҳи дохили маҳалла пурра равшан гардад. Чунин ташаббус бо саҳми аҳли ҷомеа дар дигар деҳаву маҳаллаҳо бо суръат идома дорад. Ҳамчунин, сокинони маҳал аз зиёфаторoиву маъракаҳои бодабдаба даст кашида маблағи хайри худро дар корҳои ободонӣ сафарбар намуда истодаанд, ки боиси таҳсини сокинони маҳал ҷиҳати пайравӣ аз сиёсати созандаи Пешвои миллат аст.

*н.КУШОНИЁН*

# АЗ БАРНОМАИ ҲХДТ

## *(Муҳимтарин самтҳои рушди мамлакат дар солҳои 2015-2020)*

*(идома аз шумораи гузашта)*

***2. Ҷиҳати таъмини рушди комплекси энергетикии мамлакат ҳамчун омили бунёдии рушди устувори иқтисодӣ ҲХДТ иҷрои вазифаҳои зеринро зарур мешуморад:***

- ноил гардидан ба истиқлолияти комили энергетикии мамлакат тавассути сохтмони нерӯгоҳи барқи обии "Роғун" ва дигар силсиланерӯгоҳҳои барқи обии хурду миёна;

- бо ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ таҷдиду навсозии иншооти амалкунандаи энергетикӣ, аз ҷумла нерӯгоҳҳои Норак, Сарбанд, Қайроққум ва иншооти дигар;

- зиёд кардани сармоягузорӣ ба соҳаи энергетикаи мамлакат ҳамчун омили калидии рушди иқтисоди миллӣ;

- амалӣ гардонидани лоиҳаҳои бунёди хатҳои интиқоли барқ, аз ҷумла хатти минтақавии «CASA-1000»;

- таъмини рушди комплекси энергетикиву сӯзишвории мамлакат тавассути инкишоф додани соҳаи саноати ангишт ва истихроҷи нафту гази ватанӣ;

- таъмини пойтахти мамлакат ва дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар бо гармӣ ва барқ тавассути сохтмони марказҳои барқу гармидиҳӣ.

***3. Таъмини рушди босуботи минтақаҳои кишварро ҳамчун омили тараққиёт эълон дошта, ҲХДТ амалӣ гардидани чорабиниҳои зеринро пайгирӣ менамояд:***

- таъмини рушди ҳамаҷонибаи минтақаҳои мамлакат ва беҳтар намудани вазъи соҳаҳои иҷтимоиву иқтисодии онҳо;

- таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати рушди иқтисодиву иҷтимоии шаҳру ноҳияҳои мамлакат;

- таҳкими фаъолияти мақомоти идоракунии маҳаллӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии минтақаҳо, такмили низоми буҷет ва таъмини худдории иҷтимоӣ;

- ҷорӣ намудани механизмҳои нави иқтисодии ташаккули буҷети ҷамоатҳо, инчунин дарёфти роҳҳои таъмини худкифоии буҷети шаҳру ноҳияҳо;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои ташаккул ва рушди иқтисодиёти деҳот тавассути дастгирии давлатии субъектҳои бахши хусусӣ, инчунин ҷойгиркунии корхонаҳои хурду миёнаи саноатӣ бо дарназардошти боз ҳам беҳтар ва самаранок истифода намудани захираҳои ашёи хом, қувваҳои истеҳсолӣ ва дигар имконоту хусусиятҳои минтақа.

***4. Пешбурди сиёсати самараноки молиявӣ ҷиҳати таъмини истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷуда***

***Дар ин замина ҲХДТ иҷрои корҳои зеринро зарур мешуморад:***

- истифодаи буҷети давлатӣ ҳамчун воситаи муҳимми батанзимдарорандаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ;

- назорати иҷрои мақсадноки хароҷоти давлатӣ, истифодаи шаффофу самаранoки маблағҳо дар тамоми ҷузъҳои низоми буҷетии мамлакат;

- афзун намудани даромади буҷети давлат бо роҳи такмили низоми андозбандӣ ва муайян кардани тадбирҳои ҳавасмандгардонии андозсупорандагон ва маъмуригардонии андозҳо;

- таъмини устувории қурби асъори миллӣ бо роҳи татбиқи сиёсати самараноки молиявию қарзӣ;

- тақвияти фаъолияти низоми бонкӣ, таъмини пардохтпазирӣ ва эътимоднокии бонкҳо, дастрасии мизоҷон ба қарзҳои дарозмуддат бо фоизҳои муносиб, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои муосири бонкӣ;

- танзими фаъолияти мақомоти андоз барои дастгирии рушди соҳибкориву сармоягузорӣ бо дарназардошти васеъшавии манбаъҳои андозбандӣ;

- ташкили механизми ҳавасмандгардонии аҳолӣ ҷиҳати нигоҳдории пасандозҳо дар бонкҳо ва истифодаи гардиши самараноки онҳо барои иқтисоди миллӣ;

- тавсеа ва рушди бозори молиявии мамлакат мутобиқ ба талаботи иқтисодиёти кишвар.

***5. ҲХДТ ҷалби сармояи дохиливу хориҷӣ ва рушди соҳибкориро ҳамчун муҳаррики иқтисодиёт дар маркази барномаи ҳизб қарор дода, фаъолияти худро ба самтҳои зерин равона менамояд:***

- андешидани тадбирҳои мушаххас бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ тавассути такмили низоми қонунгузорӣ ва пешниҳоди кафолати сармоягузорӣ ва созишномаҳои сармоягузорӣ;

- таҳия ва татбиқи чорабиниҳои ҳавасмандгардонӣ барои вусъатбахшии рушди соҳибкории истеҳсолӣ;

- татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ бо истифода аз технологияҳои муосир ва истеҳсоли молу маҳсулоти ба стандартҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯ;

- дастгирии ҳамаҷонибаи рушди бахши хусусӣ бо мақсади ташаккули табақаи миёнаи аҳолӣ;

- дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкории истеҳсолӣ дар самти коркарди ашёи хоми ватанӣ;

- ҳимояи ҳуқуқи соҳибкорон ва бартараф намудани монеаҳои сунъии маъмурӣ;

- кам кардани санҷиши субъектҳои соҳибкорӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ бо роҳи тақвияти ислоҳоти низоми санҷиш, иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ;

- таъмини истифодаи шаффофу самаранок ва мақсадноки маблағҳои Фонди дастгирии соҳибкорӣ ва мусоидат ба афзоиши ҳаҷми маблағҳои он;

- таъмини рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун равзанаи иртиботи иқтисодиёти мамлакат бо иқтисоди ҷаҳонӣ, риояи тартиби воридоти бемонеаи сармоя ва техникаву технологияҳои муосир ба иқтисодиёти кишвар.

***6. ҲХДТ инкишофи инфрасохтори коммуникатсионии мамлакат ва пайваст намудани онро бо шабакаҳои коммуникатсионии минтақавию ҷаҳонӣ ҳамчун идомаи татбиқи стратегияи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ дониста, иҷрои чунин корҳоро зарур мешуморад:***

- сохтмони хатҳои нави роҳи оҳан, сари вақт ва босифат ба анҷом расонидани татбиқи лоиҳаҳои таҷдиду барқарорсозии роҳҳои мошингарди байналмилалӣ;

- суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои инфрасохтории аҳаммияти дохиливу минтақавидошта, ки имкониятҳои транзитии кишвар ва ҳаҷми хизматрасониҳои байналмилалиро боз ҳам афзун мегардонанд;

- ташкил ва рушди марказҳои нақлиётиву логистикӣ, ки имкониятҳои транзитии кишварро беҳтар намуда, ба афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамоянд...

**Амалӣ гардидани Барномаи мазкур пеш аз ҳама ба манфиати халқ нигаронида шудааст. Ба ин хотир, моро лозим аст дар иҷрои ин ҳуҷҷати муҳимму стратегӣ саҳми арзандаи худро гузорем.**

*(давомаш дар шумораи оянда)*

ЯКҶОЯ ҲАЛ МЕКУНЕМ!

# АХБОРИ ҲИЗБӢ

►Масъулини Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷайҳун дар доираи Аксияи ҳизбӣ ва бо роҳи дуруст сафарбар кардани қувваи созандаи сокинони маҳал дар давоми якуним моҳи соли ҷорӣ 15 километр роҳҳои маҳаллиро сангфарш намуда, 8 оилаи ниёзманди ҷомеаро кӯмак намуданд.

►Дар доираи ҷадвал-механизми кории Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ аз оғози соли ҷори то имрӯз аз ҷониби фаъолон, аъзо ва ҷонибдорони ҳизб ба зиёда 10 оила кӯмаки молиявӣ расониданд.

►Дурӯст амалӣ гаштани Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони “Якҷоя ҳал мекунем!” буд, ки фаъолони ҳизб дар ноҳияи Темурмалик тавонистанд бо қувваи худ зиёда аз 10 километр роҳҳои маҳаллаҳои дохили ноҳияро сангфарш кунанд.

►Дар асоси дастуру супориш ва ҳидоятҳои дурандешонаи Пешвои миллат, Раиси муаззами ҲХДТ мухтарм Эмомалӣ Раҳмон масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Ҷалолиддини Балхӣ ба зиёда аз 30 оилаҳои ниёзманд кӯмакҳои моддӣ аз қабили, орд, равған, макарон, чой, қанд ,биринҷ, инчунин ба чанде аз кӯдакони маъюб бозичаҳо дастрас карданд.

►Аз оғози соли равон то кунун бо иқдомҳои созандаву ободкоронаи ҲХДТ ва масъулини Кумитаи иҷроияи ХДТ дар ноҳияи Восеъ бо қувваи вакилони ҳизб, сокинон, аъзо ва ҷонибдорони ҲХДТ дар паҳлуҳои роҳҳои ноҳия зиёда аз 1102 бех дарохтони сояафкан ва мевадиҳанда шинониданд.

►Ташаббусҳо ва роҳнамоиҳои Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Қубодиён буд, ки соҳибкорон ва сокинони деҳаҳои Пакала ва Зиракии ҷамоати деҳоти Ишмурод Ниёзов бо маблағи 110 ҳазор сомони пули байни ин ду деҳаро, ки солҳои дароз вайрону валангор буд, сохта ба истифода доданд.

►Бо ташаббуси масъулони Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Панҷ бо аъзо ва ҷонибдорони ташкилоти ибтидоии ҶСК «Сарой-Камар»-и назди заводи пахтатозакунии ноҳия Аксияи тарғиботӣ-амалии ҳизбӣ тахти унвони «Якҷоя ҳал мекунем!» баргузор шуда, интироҳдорон дар ду тарафи кӯчаи назди корхона 75 дона ниҳолҳои ороишии арча шинонданд.

ЯК ШЕЪР

# ТОҶИКИСТОНРО ДИГАР БОЯД КУНЕМ!

*Гӯш ҳарфи Роҳбар бояд кунем,*
*Дуртар роҳи назар бояд кунем,*
*Дасти нанги худ сипар бояд кунем,*
*Қатраҳоро ҳам гуҳар бояд кунем,*
*Дар ҳама майдон зафар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Бонги заҳмат гар расад ҳар дам ба гуш,*
*Мешавад неши раҳи тақдир нуш,*
*Дар диёри рудҳои пурхуруш,*
*Ҳар қадам бояд, ки бошад сабзпуш,*
*Боз тоҷи худ ба сар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Бояд аз абри ҳунар борон канем,*
*Аз танури умр бояд нон канем,*
*Роҳ сӯи қуллаи армон канем,*
*Баҳри рӯсурхии миллат ҷон канем.*

*Бояд аз ҳар қуллаву кӯҳи баланд,*
*Ибрат омӯзем, омӯзем фан,*
*Хоксоронанд гарчи дилписанд,*
*Сарбаландонанд ҳар ҷо арҷманд,*
*Хешро хуни ҷигар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

*Талхии ҳастӣ шакар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*
*Хоки мулки хеш зар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*
*Дар ҳама майдон зафар бояд кунем,*
*Тоҷикистонро дигар бояд кунем!*

***М. ҒОИБ***

***

Ман бисёр зани раҳмдил ҳастам. Масалан, ҳамин субҳ ба талабанда даҳ сомонӣ додам.
- Воҳ! Шавҳарат ба ин чӣ гуфт?
- Сар хам карда, ташаккур гуфт.

***

Афандӣ радио меҳарад. Баъди чанд вақт радио вайрон мешавад, дарунашро мекушояд, ки пашшаи мурдагӣ мебарояд. Мегӯяд: «Эҳа барандааш кайҳо мурда будаасту».



# ЧАҲОН ДАР ЯК ҶУМЛА

►Дар Сурия бар асари мушакборон шудани як минтақаи аҳолинишин 18 сокини осоишта ба ҳалокат расид.

►Бар асари сӯхтор дар шаҳри Читагони Бангладеш ба садҳо манзили истиқоматӣ зарар расида, 9 нафари дигар ҳалок шуданд.

►Нерӯҳои ҳарбӣ - ҳавоии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон дар вилояти Урузгон ва Сарипул қароргоҳи гурӯҳҳои силоҳбадастро мушакборон намуда, дар натиҷа 31 силоҳбадаст ва як роҳбари гурӯҳро нобуд карданд.

►Дар вилояти Балхи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон силоҳбадастон ба як гузаргоҳи назоратии кормандони сохторҳои қудратӣ ҳамла карда, 6 корманди мақомоти полисро ба ҳалокат расониданд.

►Дар Куба дар натиҷаи тӯфон ва обхезӣ 7 нафар ба ҳалокат расида, қариб 200 каси дигар захмӣ шуданд.

►Созмони ҷаҳонии обуҳавосанҷӣ иттилоъ дод, ки соли 2018 яке аз чор соли гармтарин дар таърихи мушоҳидаҳои обуҳавосанҷӣ ба ҳисоб меравад.

►Дар як тарабхонаи шаҳри Канкони Мексика тирпарронӣ ба амал омада, 5 нафар ба ҳалокат расида, 5 нафари дигар ҷароҳат бардоштанд.

►Дар вилояти Мурманскийи Фератсияи Россия бурони барфи аҳолиро ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ намуд. Дар натиҷаи он дар роҳҳо 14 садамаи нақлиётӣ ба қайд гирифта шуданд.

►Дар Буркин-на-Фасо силоҳбадастони номаълум ба қароргоҳи хизматчиёни ҳарбӣ ҳамла карда, 4 низомиро ба ҳалокат расониданд.

►Мувофиқи маълумотҳои оморӣ ҳамасола дар ҷаҳон 6 миллион нафар аз истифодаи тамоку ва зиёни бади он ба организми инсон мефавтанд.

►Дар маркази пойтахти Ҷумҳурии арабии Миср шаҳри Қоҳира амали террористӣ ба амал омада, дар натиҷаи он се нафар, аз ҷумла ду корманди мақомоти полис ба ҳалокат расида, чанд каси дигар ҷароҳат бардоштанд.

►Дар штати Ҷамму ва Кашмири Ҳиндустон силоҳбадастон ба хизматчиёни ҳарбӣ ҳамла карда, 4 низомиро ба ҳалокат расониданд.

►Дар Либия кормандони сохторҳои қудратӣ 14 нафар шаҳрванди Тунисро, ки ду рӯз қабл аз тарафи гурӯҳҳои ҷиноятпеша рабуда шуда буданд, озод карданд.

►Бар асари бархурди нақлиёти мусофирбар ба мошини боркаш дар Боливия 24 нафар ба ҳалокат расида, 16 каси дигар захмӣ гардиданд.

►Дар назди бинои як меҳмонхонаи музофоти Идлиби Сурия амали террористӣ анҷом дода шуд, ки бар асари он 15 нафар аз сокинони осоишта ба ҳалокат расида, даҳҳо каси дигар маҷруҳ шуданд.

# ХАНДА ҲАМ ДОРУСТ




***

Аз сардори иззатталабе пурсиданд:
-Чаро дар корхонаатон хушомадгӯён ин қадар бисёранд?
Афандӣ, ки он ҷо ҳозир буд, гуфт:
-Бо онҳо кор карданашон осон-дия.

***

Марди сарватманде барои худ мақбарае сохт. Пас аз як соле, ки мақбара омода шуд, аз меъмор пурсид:
– Дар ин иморат чи намерасад?
Гуфт:
– Ҷисми шарифи шумо.

***

Афандӣ бо занаш ҷанг мекунаду баромада меравад. Бегаҳӣ гурусна ба хона омада дар сари дастархон менишинад, ки занаш ним коса хӯрок меорад. Афандӣ мебинад, ки ним коса аст, мегӯяд: «Ман ку хӯрок намехӯрам, аммо инро ба касе наоварда боши кам аст».

***

Шаб зани Афандӣ нолишкунон мегӯяд: «Хез охир ҳамин кӯдакро камтар ҷунбон, нимаш аз ман бошад, нимаш аз туст». Афандӣ оромона мегӯяд: «Ту ҳамон ними худатро ҷунбон ба ними ман корат набошад».

*Хонандаи азиз! Нашре, ки Шумо дар даст доред, тариқи ройгон ба сокинон аз ҷониби Кумитаи иҷроияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон дастрас гардидааст. Эҳтиромона хоҳиш менамоем пас аз мутолиа онро беосеб барои хондан ба каси дигар, масалан, хешу табор, ҳамсоя ва шиносону рафиқонатон дастрас намоед. Барои ин аз Шумо миннатдорем!!!*

ҲАМРОЗИ ХАЛҚ
Муассис:
Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Хатлон
Масъули ҷоп:
Орзу ҲАМИДИЁН
Котиби масъул:
Аловуддин АМИРЗОДА

Ҳайати мушовара:
Курбон ҲАКИМЗОДА,
Маҳфират ХИДИРЗОДА,
Абдулло РАҲМОНЗОДА
Ҳайати таҳририя:
Зебо БОЗОРОВА,
Ҳусейн САИДОВ
Тарроҳ:
Хусрав МАЗОРИЕВ

Дар нашрия ба хотири чандандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки ба мавқеъ ва назари ҳайати эҷодӣ ва КИ ҲХДТ дар вилояти Хатлон метавонанд мувофиқат накунанд ва зимнан идораи нашрия масъулиятро ба дӯш нагирад.

Аксу дархост ва номаҳо ба муаллифонашон баргардонда намешаванд. Ба дурустии далелу арқоме, ки дар номаҳои расида ва эълону рекламаҳо истифода шудаанд, муаллифонашон масъулият доранд.

Нашрия тахти рақами 627 дар Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон сабти ном шудааст.

Суроға:
735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ-47,
тел: 8 (3222) 2-82-92, 2-70-70



Чопхонаи ҶДММ «Шоҳин-С», *теъдод: 101840 нусха*